*Асадуллоҳ*

# ЧИЛ БАҲОРУ ХАЗОН

Шеърҳо

Нашриёти «Муҳаррир»,
Тошканд – 2010

УДК:
ББК83,3 (5 Тож)
А 37

Чил баҳору чил хазон (Қирқ баҳор ва қирқ куз), шеърҳо, Асадуллоҳ (Шукуров Асадулло); -Т.: Нашриёти «Муҳаррир», Тошканд, соли 2010. 40 саҳифа.

Дар ин маҷмўа шеърҳои солҳои охир эҷоднамудаи шоир ҷой гирифтаанд. Мавзўи асосии шеърҳо худшиносӣ, дўстӣ ва васфи Ватани соҳибистиқлолу обод аст.

© АСАДУЛЛОҲ

# ЎЗБЕКИСТОН

Ваҳ чӣ зебо бӯстонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам,
Сарзамини бостонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

Ин замин ангуштарии даҳрро монад, ба таъбир,
Чун нигини ин ҷаҳонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

Ин манам фарзанди ту,дилбанди ту,пайванди ту,
Модарӣ ту, ҳамчу ҷонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

Ҳарф мегӯянд бо чандин забон пиру ҷавон,
Дар чунин мулк аз амонӣ Ўзбекистон,
Ўзбекистонам.

Сангҳое дар бағал гар душманонат парваранд,
Ман сипар гардам бидонӣ Ўзбекистон,
Ўзбекистонам.

Аз Ватан ҳар кас ки рӯ гардонад ӯ осӣ бувад,
Ту макони ҷовидонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

Мерасад овозаи ободии ту сӯи мағруб то ба
машриқ
Корвони бахтро ту сорбонӣ Ўзбекистон,
Ўзбекистонам.

Баҳри истиқлолу ваҳдат ҷоннисорон беҳисоб,
Кишвари озодагонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

Васфи ту бинмуд Асад бо шавқи дил,
Менамоем шодмонӣ Ўзбекистон, Ўзбекистонам.

# МАРТАБАИ ШЕРАК

Ибтидо бинмудаам ба номи Ҳақ,
То бигӯям аз ҳақиқат як варақ.

Одамӣ дар зиндагонӣ он чӣ кишт,
Рӯзи маҳшар шуд аён он неку зишт.

Он замон Парвардигори ломакон,
Неку бадро як ба як созад аён.

Шераки бе биннию бе гӯшу чашм,
Сӯи маҳшаргоҳ оварданд ба хашм.

Номаи аъмоли ӯ бардоштанд,
Як гунаҳкори азим ангоштанд.

«Дар ҷавонӣ сад гуноҳе дорад ӯ,
Пас аз ин ҳоли табоҳе дорад ӯ.

Куштааст чандин ҳазорон одамон,
З-ин ҷиноят кай бимонад дар амон?».

Боз чандин айби ӯ бархонданд,
Бе таассуф сӯи дӯзах ронданд.

Он замон аз ғайб омад як садо,
Аз Худованд даррасид гӯё нидо:

«Ӯ наовардаст шак бар зоти Ҳақ,
Рӯзгораш баҳри дигарҳо сабақ.

Ӯ раҳонид мардумони бегуноҳ,
Аз разолат, аз азобу дарду оҳ.

Он дурӯғу он фиребаш авф шуд,
Чунки он дар роҳи некӣ сарф шуд.

Баҳри ҳифзи мулки худ ҷон додаст,
Гӯшу биннӣ нури чашмон додаст.

Ӯ ватанхоҳ аст, марди некхоҳ,
Пешгоҳи ҷаннат ӯро тахтгоҳ».

Он фаришта ҳам малоик лол монд,
Молики дӯзах хиҷил з-ин ҳол монд.

Бин, ки аз файзи қудуми қаҳрамон,
Гашт маҳшаргоҳ боғу бӯстон.

Аз биҳишт ҳуру париён омаданд,
Бо ҳазорон хони эҳсон омаданд.

Он ҷавони қаҳрамон оростанд,
Бо ҳарири махмалин перостанд.

Пешгоҳи ҷаннат ӯро тахт гашт,
Ҷонфидои халқ бин хушбахт гашт.

Эй ту фарзанди азизам, ҳар замон,
Панд гир аз ин ривоят бегумон.

Умри худро бахш бар халқу Ватан,
Номи некат монад андар анҷуман.

# АЗМИ РЎДАКӢ

Рўдакӣ - он подшоҳи мулки шеъри порсӣ,
Аз Самарқанд ин замон азми сафар дорад.
Сўӣ деҳи худ равон аст интизори ҳамраҳе,
Илтиҷоомез гаҳ ин сўю гаҳ  он сў назар дорад.

Чорроҳа пур зи одам ҳамзабонеро намеёбад,
З-ин сабаб ҳайрону лол ў меҳрубонеро ҳамекобад.
Пойҳои ў бараҳна, доғҳо дорад ба сина,
Меравад пои пиёда, ҳамдилеро аз куҷо ёбад.

Ҷомаи заррин такида,рў бигардонида аз бозор,
Шояд ў акнун ба панди худ шуда иқрор.
«Ҳар ки н-омўхт аз гузашти рўзгор,
Низ н-омўзад зи ҳеҷ омўзгар».

Рўдакӣ азми сафар дорад...
Меравад ў аз Самарқанди чу қанд.
Бо дили реш,
Бо умеде  сўи ин мардум ишорат мекунад.
Мардуме, ки шеъри ноби ў намехонад,
Ё кунун аз пирии миллат шикоят мекунад.

Меравад ў аз Самарқанде,ки баъзе ҳамзабонаш
Ор доранд аз забони модарии хеш,
Бо забони модарии худ намехонанд,
Ё забони модаришонро намедонанд.

Рўдакӣ азми сафар дорад,
Меравад ў аз Самарқанд...

Эй, ту оламсози даврон,
Халқи худ аз вартаи ғафлат раҳон!
Рӯдакиро ту нигаҳ дор,
Ин замон чун оли Сомон.
Барнишон бар тахти заррин.
Бо забони модариат шеър гӯ,
Шеъри ту бедор созад,
Халқи мо аз хоби дерин!

## ҶАШНИ ШОИР

Он малики мулки ашъори Аҷам,
Рӯдакӣ бар манзилаш баргаштааст.
Баъди ғурбат дар дами пирии худ,
Бар Самарқанди дилаш баргаштааст.

Шеъри ӯ имрӯз бо чандин забон,
Хондаю шоданд ҷумла мардумон.
Асрҳо бигзашту чанд давру замон,
Монда ашъори накӯяш ҷовидон.

Рӯдакӣ сардафтари шеъри дарӣ,
Дошт бар имрӯзи некӯ боварӣ.
То кунун бо фитрату ақлу хирад,
Шеъру шоирро намояд сарварӣ!

«Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-аш бар ватан,
Баз гардонида чандин ҳамватан.
Шоири ту ҷашн дорад халқи ман,
Ҷашни шоир ҷашни шеър асту сухан.

## ТАСОДУФ

Шаб!
Шаби ошиқнавозу машуқахоҳ,
Бо панҷаҳои сиёҳу маҳинаш,
Заминро ба оғӯш гирифт.
Мисли маъшуқаи деринтизор,
Замин дар оғӯши шаб орамид.
Вале аз ин издивоҷи замину шаб
Одамият монда дар ҳайрати шадид.
Яке зи васл, дигаре зи ҳаҷр,
Ҳамчу моҳии нимбисмил,
Бо худу бе худ тапид.
Чархи фалак гардон шуд,
Шаб зи хонаи замин гурезон шуд.
Рӯз омаду дидаҳо фурӯзон шуд,
З-ин тасодуф ҷумла ҳайрон шуд.

## РАБТ

Мансаб буд.
Хушомад, тамаллуқ
бо ӯ ҳамнишин буд.
Мансаб рафт,
Хушомад ҷангӣ шуд.
Тамаллуқ гурехт.
Танҳо монд...
Танҳои танҳо
Бо худ ва бе худ.

# ОМАДӢ! ЧАРО!

Ту омадӣ!
Лангон -лангон,
Асозанон аз кулбаи ман,
Бо дили кашол, бемаҷол,
Ғам берун шуд.

Ту омадӣ,
Ғам рафт аз бари ман.
Зеро аҳди ӯ чунин буд.
Умре бо ман буд,
Ҳамникоҳ набуд,
Ҳамболину ҳамраҳ буд.
Оҳҳои сӯзони ман шунид.
Гувоҳи гиряҳои ноаёни ман шуд,
(Ки он оҳу ноларо танҳо Худо медонисту ман,)
Вале ӯ бо ман буд,
Ҳамнафасу ҳамдам буд,
Зеро муллояки камрише
Хонааш бе дуд сӯзад
Ғамро замоне бо ман гарм карда буд.
Ӯ аз ман ҷудо набуду
Ман аз ӯ...

Муллои ғамфурӯшро Азроил
Сӯи дӯзах гуселонид.
Ғам ятиму бекас монд...

Ту омадӣ,
Омадӣ ба ноз,
Баъди солиёни дароз.
Дар дами пириам,
Ки дарахти орзуҳо-м хушкида,
Ҳам фаромӯш кардаам ханда.
Ту омадӣ чаро!
Чаро?
Чаро?
Чаро?!...
Эй шодии деринтизори ман, ҳоло!

## ДАЪВАТ

Халқи бузургворам,
Пурҳиммату баорам,
Бо чангу бо чағона,
Бо шеъру бо тарона,
Ёди маро намудед,
Шеъри маро сурудед.

Аҳсан ба халқи озод,
Аҳсан ба мулки обод!

Эй шоирони имрўз,
Эй ворисони фирўз.
Шеъри накў сароед,
Васфи Ватан бигўед,
То дар ҷаҳон нишона,
Монед ҷовидона.

Аҳсан ба халқи озод,
Аҳсан ба мулки обод!

# ҒАЗАЛИ ЧИЛСОЛАГӢ

Аз чил бало гузаштаю бар чил расидаям,
Пас аз ҳама фироқ ба манзил расидаям.

Киштии орзуи ман тӯфон рабуда буд,
Бо сеҳри як калом ба соҳил расидаям.

Оинаи хаёли ман чил-чил шуда зи нав,
Аз дилбарон гурехта бар дил расидаям.

Бар навҷавониҳои худ омин накардаям,
Дар хоб ғафлате ба бисмил расидаям.

Сад минбаре бидидаму дар анҷуман шудам,
Шеъру ғазалсарой ба маҳфил расидаям.

Аз сарварон гузаштаю ман сар надодаям,
Шукри замон ба сарвари  одил расидаям,

Инак, Асад шукр намояд ба чили умр,
Шукри дигар ба ҳамдили оқил расидаям.

# РИШТАҲОИ ХУНӢ

Бо риштаҳои хунӣ, маро бастӣ, эй Худо,
Чун метавонам аз раги набзам бадар шавам?!

Гӯӣ ба чашми дил бинигар ту ба ин ҷаҳон,
Бе лутфи Борӣ ман чӣ сон соҳибназар шавам?!

Як пири комиле наёбам дар ин диёр,
Бо ӯ ба сӯи даргаҳи Ҳақ ҳамсафар шавам.

Роҳи дарозу ҳамсафарон номувофиқанд,
Эмин чӣ гуна аз ҳама хавфу хатар шавам?

Шайтон либоси фаришта ба бар кардааст магар?
Бо дидани ҷамоли ӯ дар ба дар шавам.

Сад борҳо шикастаам оини рӯзгор,
Пас ман чӣ сон ба дигаре чорагар шавам?

Ман риштаҳои хунӣ буридам ба теғи чарх,
Бо хуни дил нависаму худ бехабар шавам.

# ПАРЕШОНӢ

Ин пои хаёли ман пуробила аст, донӣ,
Ҳар шом  равад кӯят сад бор ба пинҳонӣ.

Дар кӯчаи ишқи ту ҳайрону ҳаросон аст,
Эҳсоси варо, эй дил, аммо ту намедонӣ,

Ман донаму ту донӣ, ин розу ниёзи ишқ,
Ҳар гаҳ ки расам бар ту аз баҳри чӣ
меронӣ.

Бигристу хаёлам рафт, аз шаҳри дилат
танҳо,
Бо ман бикунад исён гӯяд, ки ту нодонӣ!

Шармида зи нодонӣ хонам асари ишқат,
Ҳар саҳфаи ин дафтар оварда парешонӣ.

Дар вазъи парешонӣ, бингар Асади ошиқ,
Ин лаҳза парешон гашт чун давлати
Сомонӣ.

# ЖУРНАЛИСТ

Бо разолат доимо андар набард,
Аскари роҳи адолат – журналист.

Бо қалам сад мушкил осон мекунад,
Душмани ҷаҳлу ҷаҳолат – журналист.

Минбари розу ниёзаш мӯътабар,
Манбаи фазлу фазолат – журналист.

Сулҳу осоиш, ҳақиқат ёри ӯ,
Маҳв бинмояд разолат – журналист.

Пеш рав, покизаимон бошӣ гар,
Медиҳад бар ин кафолат– журналист.

Бо сухан битвон ҷаҳон обод кард,
Инчунин дорад рисолат – журналист.

Ин замон бошад Асад андар дуо,
Доимо бинам камолат – журналист.

# МАНУ ДУШАНБЕ

Ман ҷавониҳои худро бар Душанбе ҳадя кардам,
То ки чун шаҳри ҷавонон монад он.
Гар Самарқанду Бухоро пир гашту бевафо,
Шаҳри барно пойтахти тоҷдорон монад он.

Дар Душанбе шаҳраки бахтофарин,
Шаҳри заррин, шаҳри зебои замин.
Қомати Исмоили Сомонӣ боло шуд зи нав,
Ба ҳамон фарру ҳамон тоҷу нигин,

Ман Душанберо аз ин рӯ дӯст дорам,
Шаҳри ишқу шаҳри армонҳо шуморам.
Ҳамчу Варзоб мешитобам бар канораш,
Аз фироқаш маҷнуносо беқарорам...

Эй Душанбе, шод бош, рӯзе канорат меравам,
Ҳамчу Айнӣ бар давои дардҳои бешуморат
меравам.
Мешавӣ рӯзе  ту ҳам як сайқали рӯи замин,
Бар тамошои сомои беғуборат меравам!

# ХАНДАИ ШАЙТОН

Чи хуш дар боғи ҷаннат манзиле буд,
Варо бобои мо бифрӯхт арзон.
Ба ними ҷав намеарзид дунё,
Ба як гандум харид ӯ аз дилу ҷон.

Аз ин **рафтори** худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон  хандид шайтон.

Чӣ некӯ халқ кард моро Худованд,
Зи ҷумла махлуқоти худ мукаррам,
Вале мо насипосӣ карда бар он,
Зи ношукрии худ гардида хуррам.

Аз ин **кирдори** худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

Гаҳе мо нафсамонро банда гаштем,
Миёни мардумон шарманда гаштем,
Надонистем инъоми Худованд,
Ба шӯру шарр ҳаме оганда гаштем.

Аз ин **пиндори** худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

Сухан мӯъҷизаи поки Худованд,
Вагар бошад дар онҳо заррае панд.
Вале мо худ суханро хор кардем,
Бигуфта ҳарфҳое носазо чанд.

Аз ин **гуфтори** худ гашта пушаймон,
Ба ҳоли зорамон хандид шайтон.

# ХУДШИНОСӢ

Дар кӯчаҳои танги ин шаҳри ношинос,
Ман хоки пои ҷадди худ ҷустуҷӯ кунам.

Ҷорӯби зиндагонӣ бирӯбад мозори дил,
Бо санги гунги гӯри дил гуфтугӯ кунам.

Бонги азон бидарад пунбаҳои гӯш ,
Ку марди ҳақшунав, ки зи ӯ пурсуҷӯ кунам!

Ман омадам, ки биёбам нишони хеш,
Ку оби зиндагонӣ к–аз он шустушӯ кунам!?

Ин ҳамраҳон бинигар хизмати хирсона мекунанд,
Ку Хизри раҳнамо, зи дуояш нумӯ  кунам.

Ман рози хешро ба касу нокас бигуфтаам.
Як ҳамдиле куҷост, ки ҳасрат ба ӯ кунам.

Гаштам муҳоҷиру мусофир дар ин диёр,
Аз сӯзи ҳаҷр қисса ҳаме кӯ ба кӯ кунам.

Кай чун Асад наъра занам бар ҷаҳони роз,
Як гӯшае бигираму улфатие бо  сабӯ кунам.

# ДАРЁИ СИРҲО

Ту Сирдарё чӣ сире дорӣ дар худ,
Биандешӣ магар аз буду нобуд.

Бигӯ асрори дил ман роздонат,
Надидӣ аз хамӯшӣ то кунун суд.

Магар Темурмаликат ёдат омад,
Шуҷоъе дар  Хуҷанд он гуна кам буд.

Ту ё сирри Камол пинҳон намоӣ!
Хуҷандашро чӣ сон ӯ тарк бинмуд!

Зи Бобоҷони худ фахрӣ биарзад,
Ки «Тоҷикон» ба миллат раҳнамо шуд.

Суруди Ҷӯрабек бишнида мардум,
Зи овози хушаш масруру хушнуд.

Кунун Фарзонаи хушгавҳари ту
Ба васфат шеърҳо эҷод бинмуд.

Намедонам, ки асрорат чӣ бошад,
Ту Сирдарё, равон шав сӯи мақсуд.

# ЭЙ СОҚИИ ЭСОҚӢ!

Паҳлӯи гӯри модари ҷавонмаргам,
Гӯри нокандае дар мазори Эсоқӣ.

Эй дило, метапӣ чаро ин дам,
Гаштаӣ ё хумори Эсоқӣ?

Аз Хуфар мондааст ба мо мерос,
Қалъаю он Ҳисори Эсоқӣ,

Хоҷаи Дод додрас бар мо
Додбахш ҳар мазори Эсоқӣ.

Хокҷои ниёи ман алъон,
Ҷойгир дар канори Эсоқӣ.

Аз чинору Чинорбобояш,
Мерасад ҳар барори Эсоқӣ.

Кас надонад таърихи онро,
Роздон ҳар чинори Эсоқӣ.

Аз Ҳазорбоғу сад, ҳазорон боғ,
Монда боғу баҳори Эсоқӣ.

Бори ҳаҷр пурғамам бинмуд,
Меравам ҷонсупорӣ Эсоқӣ!

Ҷоми май ору маст бинмоям,
Мурдам аз интизорӣ, эй соқӣ!

***Эсоқӣ-деҳест дар ноҳияи Сариосиё.***

# ҒАЗАЛҲО

Ҳар субҳ ба сӯят ман сад бӯса фиристонам,
Бар ту бирасад ё на, ман лек намедонам.

Ман донаму ту донӣ, шояд ки надонад ӯ,
Ин дафтари рози мо ту хонию ман хонам.

Дигар натавон пӯшид асрори муҳаббатро,
Ё раб бирасон бар ӯ ё худ ту бигир ҷонам.

Ман зиста натвонам бе ҳусни ҷаҳонсӯзат,
Кай мерасӣ бар додам! Кай мешавӣ меҳмонам!

Эй чорагарам, боз о, файзе ба дарам,боз о,
То нур бигирад боз ин гавҳари чашмонам.

Боз о, ба Асад бахшо, шодии ду дунёро
Шояд, ки аз ин пайғом озод зи ғам монам!

* * *

Чашмаи чашмам чаро хушкидааст,?
Ними олам пур зи оби дида аст.

Шӯриҳои оби уқёнус мепурсӣ зи чист,
З-оби чашми ошиқи ғамдида аст.

То бидонад қадри паймону вафо,
Ошиқонро борҳо санҷидааст.

Будаам ман дӯстдори ҳусни ӯ,
Ӯ чаро аз ман кунун ранҷидааст?!

Гиря кардан аз Асад омӯз ту
Ӯ гаҳе бо гиряҳо хандидааст.

* * *

Русуми дилбарию дилситонӣ,
Надонистӣ, намедонӣ, надонӣ!

Ба он рафтору ҳам гуфтору кирдор,
Ба пиндорат ту худ шоҳи ҷаҳонӣ .

Накардам ҳеҷ гаҳ ман пулпарастӣ,
Чу аҳволам бубинӣ худ бидонӣ.

Ту дорӣ сарвати Қоруну аммо
Пас аз маргат, чӣ беному нишонӣ

Ту дар ҳирси пулу ҳам моли дунё ,
Ба хешу дӯстон номеҳрубонӣ.

Нахонда мисрае аз Хоҷа Ҳофиз,
Ту қадрӣ шеъру шоирро чӣ донӣ.

Асад он қадр дорад шӯҳрату ном,
Ба пул онро харидан кай тавонӣ!

## БЎСАХОҲ

Ишқ дар чашмони шармини ту буд,
Ишқ дар он рўи бечини ту буд.
Орзуи бўсаат пирам намуд,
Ишқ дар лабҳои гулгуни ту буд.

Акси ту дидам зи ҷўи қадди раҳ,
Ончунон хандон будию пурфараҳ.
Кокулонат зеб дода пеши бар,
Мегузаштӣ менакардӣ нимнигаҳ.

Эй ту гулрўям, гули рўят базеб,
Ҷилваҳои чашму абрўят базеб.
Ишқи ту афсун намуда бегумон,
Ишваҳою нози дилҷўят базеб.

Ман фидои чашми шармини туям,
Ман адои рўи бечини туям.
Бўсахоҳам, бўсахоҳам, бўсахоҳ,
Аз ҳамон лабҳои гулгуни туям.

## ИШҚ

Эй ҷони ҷони ман,
Мепурсӣ ишқ чист?
Ошиқ набошӣ гар,
Чун метавонӣ зист?!

Як хирман оташ аст,
Як баҳри пур зи хун.
Дарёи оби  чашм,
Ин ишқи пурфусун.

## ДАР ҒАМИ БОХТАР

Ман мехӯрам ғам, ё ки ғам,
Манро саропо мехӯрад.
Чун дуди арзис ноаён
Ҷону тани мо мехӯрад,

Ғамҳо зи марги сад ҷавон,
З-ин офати охирзамон.
Авҷи баҳори гулфишон
Ман мешавам ин дам хазон.

Эй, ту Худои ломакон,
Аз ин бало моро раҳон.
То шод бошанд одамон
Бар Бохтар бахшо амон!

## ШИОРИ МАН

Ман зи мулки Бохтар
Аз он замини пурхатар
Омадам то бар Самарқанд
Бар диёри қандманд.

То биёбад қалби беморам шифо,
Ман биҷустам аз ҳавои он даво.
Аз Зарафшон зар наҷустам,
З-оби он дилро бишустам.

Ман наҷустам мансабу ҷоҳ,
Ё накандам бар касе чоҳ.
Некӣ аст доим шиорам,
Ориёиям баорам!

## ДИЛАМ ШИКАСТА

Дилам шикасту пора шуд,
Ҳазор пора- пора шуд.
Ҳазор пораи дилам,
Сӯи ту дар назора шуд.

Назораҳои дилнишин
Зи ишқи мо ишора шуд.
Ишораҳои пур  зи меҳр
Ба қалби мо шарора шуд.

Шарораҳо паридаанд,
Қабои шаб даридаанд.
Дили шикастаи маро
Ба як имо харидаанд...

## ЧАШМОНИ ТУ

Ду чашмонат чу оина,
Чунон ҳам софу бекина.
Ту гӯӣ манбаи меҳр аст,
Бурун мерезад аз сина.

Ду чашмони ту уқёнус ,
Барои ошиқон  фонус!
Нигоҳи меҳрбори ту ,
Шикаста санги дақёнус.

* * *

Ин ҷамолу ҳусни ту дида,
Офтоб зарра-зарра мекоҳад.
Ё хиҷил гашта аз рухат ин дам,
Пеши ту узр мехоҳад?!

Бин дили офтоб пурдоғ аст,
Менадонам сирри кайҳонӣ.
Лек ман дар ғамат имшаб,
Синадоғам ҳеҷ медонӣ?!

* * *

На мастӣ, на ҳушёр,
На дилбар, на дилдор,
Нагаштӣ вафодор,
Ту ҳастӣ ҷафокор.

Надидам ман аз ту,
Ба ҷуз дарду озор,
Бути дилшикаста,
Ситамкор, ситамгор!

## ҶАЗОЕ БА ДАРД

Дандони дардамро бикан,
То ранги зардам донад ӯ.
Чашмони дардам кӯр кун,
То қадри дардам донад ӯ.

Аз дарди бедармони худ,
Ман дар азобам рӯзу шаб.
Аз доду аз фарёди ман,
Ту шодмону дар тараб.

Бингар ҳамесӯзад ҷигар,
Аз нӯги по то мағзи сар,
Тоқат намеорам дигар,
Ин ранҷ осон аст магар!?

Эй ту Худои беназир,
Ин дард аз ҷонам бигир.
То бар ту бинмоям суҷуд,
Ин дам дуоямро пазир.

## ТАЗЗОД

Ба нархи ҷон харидам хандаатро ,
Ту duздидӣ зи лабҳо хандаамро .
Аҷаб таззод зода зиндагонӣ,
Бидод арзон, гирифт арзандаамро.

# НОМАЕ БА САМАРҚАНД

Самарқанд ҳар манорат пурҷилоянд,
Париваш духтаронат дилрабоянд.
Шудам ошиқ ба ин шаҳри париён,
Дилам бо ишва аз ман мерабоянд.

* * *

Туро пазмонам ин дам, эй Самарқанд,
Бигирӣ аз дилам ғам, эй Самарқанд.
Ман аз Афросиёбат гила дорам
Надод ӯ ҷо ба Рустам, эй Самарқанд.

* * *

Туро умре будам ҷӯё, Самарқанд,
Ба васфат ман шудам гӯё, Самарқанд.
Зи Оби Раҳматат нӯшидаам ман,
Ту бешак, сайқали дунё, Самарқанд.

* * *

Шуда Боғишамолат манзили ман,
Бибурда маҳвашонат ин дили ман,
Самарқандо, шудам шайдо ба ҳуснат,
Арӯси Шарқ – ту шав моили ман.

* * *

Рухат нони Самарқандро бимонад,
Лабонат шаккару қандро бимонад,
Аҷаб дорам зи нону қанду шаккар,
Ки ҳарфи дилкашат пандро бимонад.

* * *

Ду чашми суғдиат дилро рабояд,
Забони ширинат шодӣ физояд ,
Аё, эй духтари шӯхи Самарқанд,
Диламро бурдаӣ акнун чӣ бояд.

* * *

Дилам майли ту дорад, эй Самарқанд,
Ҳавои ту бифорад, эй Самарқанд.
Дар ин шаҳри биҳиштӣ байни ҳурон,
Кӣ тухми меҳр корад, эй Самарқанд?

* * *

Самарқанд шаҳри мардони баор аст,
Барои ховариён ифтихор аст.
Қадам оҳиста мон эй марди ғофил,
Ки ҳар як зарраи хокаш мазор аст.

* * *

Самарқандо, кунун дар мотамам ман,
Чу рӯди Дарғами ту дар ғамам ман.
Ниҳоли меҳри ёрон решакан шуд,
Ва ё к-аз ҳаҷр чашми пурнамам ман.

* * *

Зи Шоҳизиндабобо зиндаомам,
Зи илму маърифат пурнур шомам.
Самарқанди ба ҷону дил баробар,
Зи қанди номи ту пуршаҳд комам.

* * *

Самар дорад ба худ қанди Самарқанд,
Хаёлам гашта дар банди Самарқанд.
Агар оқил туӣ бишнав зи пирон,
Каломи дилнишин-панди Самарқанд.

* * *

Самарқанд, эй диёри хушҳавоям,
Зи дарду ғуссаҳо бинмо раҳоям.
Ба ин ҷо омадам бо қалби пурхун,
Бубахшида ҳавои ту давоям.

* * *

Самарқанд, ту бузургонро макони,
Барои ман ту доим беҳ зи ҷонӣ,
Зи Сурхон омадам бо дарди афзун,
Давобахш чун табиби меҳрубонӣ.

* * *

Самарқандо, ту таърихзода ҳастӣ,
Ту шаҳри мардуми озода ҳастӣ.
Зи ҳар хишту манорат бӯи таърих,
Ту оё дил ба таърих дода ҳастӣ!?

* * *

Шифои дарди ман ҳастӣ, Самарқанд,
Табиби ҷону тан ҳастӣ, Самарқанд.
Туро ҳар навъ меноманд,аммо
Барои ман Ватан ҳастӣ, Самарқанд.

* * *

Ту шаҳри шеъру шеронӣ, Самарқанд,
Қадамҷои бузургонӣ, Самарқанд.
Хуросонро дили дунё  шуморанд,
Ту худ қалби Хуросонӣ, Самарқанд.

* * *

Маро чархи фалак овард Самарқанд.
Дар ин ҷо ман бихӯрдам қанду ҳам фанд.
Зи қандаш ман шакаргуфтор гаштам.
Зи фандаш борҳо бардоштам панд.

* * *

Шудам мафтуни маҳрӯи Самарқанд.
Шудам  масти суманбӯи Самарқанд,
Агар лозим шавад  дунё  бубахшам,
Барои ёри дилҷӯи Самарқанд.

* * *

Диёри ошиқонӣ,эй Самарқанд,
Бароям  як ҷаҳонӣ, эй Самарқанд.
Намоям зиёрати хоки бузургон,
Маро аз ғам раҳонӣ, эй Самарқанд.

* * *

Баҳори гулфишон дорад Самарқанд,
Зи ҷаннат як нишон дорад Самарқанд.
Зиёрат  гар намоӣ  хоки покаш,
Ҳамеша дар амон дорад Самарқанд.

* * *

Дуруди  ман, суруди ман Самарқанд,
Ту буду ҳам набуди ман, Самарқанд.
Зи обу хоки ту дармон биҷустам,
Табиби ин вуҷуди ман, Самарқанд.

* * *

Диёри тоҷдоронӣ, Самарқанд,
Замини шаҳриёронӣ, Самарқанд.
Ҳазорон шоҳ ин ҷо хок гашта,
Мазори поки пиронӣ, Самарқанд.

* * *

Самарқандо, самар  қандам бидоданд,
Манору  гунбазат пандам бидоданд.
Валекин чун надонам кори савдо,
Ба бозорат, басе фандам бидоданд.

# КЕНГГУЗАРНОМА

Аз Кенггузару кенггузарӣ гила чӣ суд,
Мардӣ ту агар бибӯ гиребони  худ.
Арвоҳи гузаштагон маранҷон зинҳор,
Андеша бикун!Кӣ пеш аз ин зиста буд?!

* * *

Аз кӯчаи Кенггузар* гузар кардам ман,
Хоки сари кӯчаро ба сар кардам ман.
Ёбам назаре ҳамчу Назар – оқсоққол,
Сад бор ба сӯи деҳ сафар кардам ман.

* * *

Муллошукури кенгузарӣ марди баном,
Шуд дар тумани Саросиё иҷроком.
Ӯ дошт саводи кӯҳнаю нав батамом,
Мерос бимонд ба даҳр насли хушном.

* * *

Даҳмардаи мард буд, Муҳаммадбобо,
Бо худ буду дар суҷуд  Муҳаммадбобо.
Ӯ буд раису дошт мӯҳру  мансаб,
Аз хеш бурун нашуд, Муҳаммадбобо.

* * *

Бар Хоҷаназар хоҷаи Хизр кард назар,
Ӯ гашт раису хоҷагиро сарвар,
Доим ғами халқ хӯрду ботадбир буд.
Бар зиндагии нек бикарда бовар.

* * *

Ин деҳ надид баъди ӯ марди баор,
Пурдонишу пурҳавсалаю тадбиркор.
Таърихи Хуфар нонавишта то ҳол,
Таърих бибурд ба гӯр Мулло Саттор.

* * *

Ӯ аспсавор дашту даман мепаймуд,
Аз гармию сардиҳо варо тарс набуд.
Гӯсфанди ҳисорӣ буду Мулло Гулбой,
Доим ғами халқ хӯрду н-андешид худ.

* * *

Орзуҳои ту зери хок шуд,
Аспу қамчини ту дар кодок шуд.
Бе ту гӯсфанди ҳисорӣ хор шуд,
Аҳмад аз марги ту дил ғамнок шуд.

* * *

Бар Кенггузардеҳ созам назорат,
Ман Санги бобо кардам зиёрат.
Гашта зиёда ин мардуми деҳ,
Дар Ғӯли оқиб карданд иморат.

* * *

Ин кӯчаи Кенггузар пуробу гил аст,
Аз тангии деҳ мардумонаш хиҷил аст.
Сангу камари миёни деҳ побарҷост,
Гӯё, ки нишон зи мардумони асил аст.

** Кенггузар - деҳаи кӯҳистоне дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё, ки онро Кемгузар ҳам мегӯянд. Шояд шакли дурусташ ҳам ҳамин бошад, зеро барои аз дарёи Сангардак гузаштан бо симҳои мустаҳкам роҳи ҳавоӣ сохта буданд, ки мардуми маҳаллӣ онро кемагузар мегуфтанд .*

# РЕЗААШЪОР

Гули ман дар лабонат ханда бинам,
Ба пешат ошиқонат банда бинам.
Дар олам бахт доим ёр  бодо,
Хаёлам ҳамчунин зебанда бинам.

* * *

Азизон, маҳфилоровӣ муборак,
Чунин базму дилоровӣ муборак.
Сароянд мутрибон шеъру тарона,
Биракқсем ин пазировӣ муборак.

* * *

Дилам дардошное ҷӯяд ин дам,
Ғаму дардам ту кай донӣ азизам,
Ба ханда мекунам ғамро лагадкӯб,
Мапиндоред ин сон бетамизам.

* * *

Ту нури хонадонӣ,эй зан,эй зан,
Ба ҷисми мо ту ҷонӣ, эй зан,эй зан.
Набудӣ оламу одам намебуд,
Барои мо ҷаҳонӣ, эй зан,эй зан.

* * *

Ту шамъи нурбахши хонаи ман,
Ту оғози ҳамон афсонаи ман.
Набитвонам,ки васфатро бигӯям,
Аё, эй модари фарзонаи ман!

* * *

Чашмам ба раҳи бод,ки пайғом орад,
Аз модари меҳрубону ғамдидаи ман,
Ман менигарам ба сӯи дарвоза ҳамон,
То бозорад модари носудаи  ман.

* * *

Модар, ту калиди бахти фарзандонӣ,
Донои ҷаҳонӣ бо ҳамон нодонӣ.
Аз панди накӯи ту бузургӣ ёбам,
Эй модари ҷон, ту устуни имонӣ!

* * *

Падар устоду ҳам омӯзгорам,
Ту будӣ худ сутуни рӯзгорам.
Бирафтӣ зуд з-ин дунёи фонӣ,
Бибурдӣ бо худ ин авҷу барорам.

* * *

Сутуни рӯзгори мо, падарҷон,
Нахустомӯзгори мо, падарҷон.
Зи дунё рафтӣ пурармону пурғам,
Будӣ авҷу барори мо падарҷон!

* * *

Падар қадрат надонистем, рафтӣ,
Зи дунё лаззатеро ҳам надида.
Шуданд фарзандҳоят соҳиби бахт,
Бирафтӣ як гули мақсуд начида.

* * *

Падар, эй маслиҳатгӯ роҳбари ман,
Ту будӣ тоҷи рахшони сари ман.
Надорад рӯзгорам бе ту файзе,
Падар, ту муттакою довари ман.

* * *

Фаҳмида, нафаҳмида ту каф мекӯбӣ,
Бар будаю нобуда ту каф мекӯбӣ.
Эй мардуми зудбовараку соддаи ман,
Кай бар дили хобида ту каф мекӯбӣ?!

***

Рақси ту эй дило, хастаҳолам кард,
Шӯхиҳои ту намуд рӯзард.
Мешитобӣ дило, куҷо ҳоло?
Сабр кун, як даме, раҳон аз дард.

***

Дил, дили беқарору девона,
Ё магар танг гашта ин хона?!
Мезанӣ мушт дудаста, мастона,
Раҳм бар ман мекунӣ, ё на!

***

Дилам дардошное ҷӯяд ин дам,
Ғаму дардам ту кай донӣ азизам!,
Ба ханда мекунам ғамро лагадкӯб,
Мапиндоред ин сон бетамизам.

***

Бидодӣ ваъдаю рафтӣ  зи оғӯшам,
Зи ҳаҷрат то кунун ман бода менӯшам.
Ҳамон як бӯса, ки қарзи Худо буда,
Надодӣ, ё магар кардӣ фаромӯшам?!

***

Ту ҳастӣ гулбуни боғи муҳаббат,
Ту зебоию ҳам гулрӯ Шарофат!
Зи барқи чами ту масту аластам,
Ба ҷони ошиқонат ҳастӣ офат.

***

Тахтаи синфӣ диҳад ин дам садо,
«А»-ю ҷамъи «Б»-ю ҳосил гашта «М».
«А»- ю «Б» сарҳарфи номи ман ва ӯ,
«М» муҳаббат, меҳр мехоҳад ҳаме.

***

Зи бӯйи гесувонат маст гаштам,
Ба маҷнунҳо магар ҳамдаст гаштам.
Нарафтам, лек ман бар кӯҳу саҳро,
Ба атрии гесуят пайваст гаштам.

* * *

Худоё умр бахшо соате чанд,
Ки то ошиқ шавам ман бори дигар,
Бихоҳам ошиқона мирам, оваҳ,
Бимонда лаб ба он лабҳои шаккар!

* * *

Агар умри дигар бахшад Худованд,
Ба ҷуз аз ишқ шуғле барнагирам.
Фақат ман ишқ меварзидаму ишқ,
Чу ошиқ ман зи тафти бӯса мирам.

# Мундариҷа

Азми Рӯдакӣ .... 6
Ҷашни шоир .... 7
Тасодуф .... 8
Рабт .... 8
Омадӣ! чаро! .... 9
Даъват .... 10
Риштаҳои хунӣ .... 12
Журналист .... 14
Ману Душанбе .... 15
Хандаи шайтон .... 16
Худшиносӣ .... 17
Дарёи сирҳо .... 18
Ғазалҳо .... 20
Бӯсахоҳ .... 23
Ишқ .... 23
Дад ғами бохтар .... 24
Шиори ман .... 24
Дилам шикаста .... 25
Чашмони ту .... 25
Ҷазое ба дард .... 27
Таззод .... 27
Номае ба самарқанд .... 28
Кенггузарнома .... 33
Резаашъор .... 35

Нашри адабию бадеӣ

Асадуллоҳ

# ЧИЛ БАҲОРУ ХАЗОН

Нашриёти «Муҳаррир»,
Тошканд – 2010, 40 саҳифа.

Муҳаррир: **Озод ҲАМИДЗОДА.**
Муҳаррири техникӣ: **Мадина АБДУЛЛОЕВА.**
Мусаҳҳеҳ: **Мустафои ВАФОЗОД.**

Ба чопаш 26.05 2010. рухсат шуд.
Андозааш 80x64 Ҷузъи нашрию ҳисоби 2.0
Ҷузъи чопӣ 1,6. Адади нашр 500 нусха.
Супориш 47.

Нашриёти «Муҳаррир»
100060, шаҳри Тошканд, кӯчаи Элбек, хонаи рақами 8.

Дар матбааи «Муҳаррир нашриёти» чоп шуд.
100060, шаҳри Тошканд, кӯчаи Элбек, хонаи рақами 8.